# Зиннат додани рӯй бо борик кардани абрӯҳо ва чиндани мӯйҳои зиёдатӣ

**[ Тоҷики – Tajiki – طاجيكية ]**

**Мусъаби Ҳамза**

2010 - 1431

islamhouse.com

# النمص، و حكمه، و هل يجوز النمص إذا طلب الزوج؟

« باللغة الطاجيكية »

مصعب حمزة

2010 - 1431

islamhouse.com

## Зиннат додани рӯй бо борик кардани абрӯҳо ва чиндани мӯйҳои зиёдатӣ

Рӯйи зан зебогии аслии ӯ ба ҳисоб меравад, зеро ҳама зебогии зан тақрибан дар рӯяш намоён аст ва барои ҳамин ҳар касе хоҳад оиладор шавад, аввалин коре ки мекунад, хоҳиши дидани рӯйи занро мекунад. Агар зан рӯйи зебо дошта бошад, дигар чизҳои марбут ба занро аҳамият намедиҳанд.

Яъне мешавад, ки ғолибан рӯйи зан барои издивоҷ роли ҳалкунандаро бозад.

Бо вуҷуди ин ки инсон бояд ҷонибҳои дигарро низ аҳамият диҳад, мисли диндории зан, ахлоқи неку рафтори хуб ва ғайра.

Барои ҳамин ҳам шояд яке аз ҳикматҳои ин ки Худованд рӯйи занро бемӯй халқ кардааст ҳамин бошад.

Худованд рӯйи занро бемӯй ва фақат бо абрӯвон ва миҷгонҳои чашм халқ кардааст, ки ин ҳам беҳикмат нест, зеро абрӯвон ва миҷгонҳои инсон арақи аз пешонӣ баромадаро намегузоранд, ки ба чашм равад, то он оби намакин чашмро зараре нарасонад.

Ва барои ҳамин шояд аз ҳикматҳои ҳаром будани кӯтоҳ кардан ё чидани абрӯвон ин бошад, ки зараре ба чашм нарасад.

## Абрӯвонро чидан ё кӯтоҳ кардан дар ислом ҳаром аст.

Абрӯвонро чиндан дар шариати ислом ҳаром аст, зеро аз ҷумлаи тағйир даровардан дар халқи Худованд аст, Худованд мефармояд:

«Ва албатта бифармоям ишонро то офариниши Худоро тағйир диҳанд» сураи Нисо 119 (яъне монанди сӯзан задан то сурху кабуд шавад ё абрӯ чиндан ва ғайра).

Ибни Арабӣ дар тафсири ин оят мегӯяд: «Расули Худо (с) лаънат фиристодааст касонеро, ки сӯзан мезананд ва абрӯ мечинанд ва мӯй мечаспонанд ва байни дандонҳоро барои зебогӣ кушод мекунанд…»

Аммо ҳадисҳои дар ин мавриди ривоятшуда зиёданд, аз ҷумла:

Аз Абдуллоҳ ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки гуфт:

**عن عبد الله بن مسعود قال: لعن الله الواشمات والمستوشمات والنامصات والمتنمصات والمتفلجات للحسن المغيرات خلق الله، قال: فبلغ ذلك امرأة من بني أسد يقال لها أم يعقوب، وكانت تقرأ القرآن، فأتته، فقالت: ما حديث بلغني عنك أنك لعنت الواشمات والمستوشمات والمتنمصات والمتفلجات للحسن المغيرات خلق الله، فقال عبد الله: وما لي لا ألعن من لعن رسول الله صلى الله عليه و سلم ؟، وهو في كتاب الله، فقالت المرأة: لقد قرأت ما بين لوحي المصحف فما وجدته، فقال: لئن كنت قرأتيه لقد وجدتيه. قال الله عز و جل { وما أتاكم الرسول فخذوه وما نهاكم عنه فانتهوا } [ ٥٩ / الحشر / ٧ ]، فقالت المرأة فإني أرى شيئا من هذا على امرأتك الآن، قال اذهبي فانظري، قال فدخلت على امرأة عبدالله فلم تر شيئا، فجاءت إليه فقالت: ما رأيت شيئا فقال أما لو كان ذلك لم نجامعها.**

«Худо лаънат кунад занони сӯзанзанандаро ва занонеро, ки мехоҳад сӯзанзада шаванд ва занонеро, ки аз дигаре мехоҳанд абрӯяшонро ислоҳ кунанд ва заноне, ки миёни дандонҳояшонро кушод намуда хилқати Худоро тағйир медиҳанд».

Зане аз бани Асад бо номи Умми Яқуб, ки ин корҳои ороиши занҳоро анҷом медод ва қуръонхон ҳам буд, ба назди ибни Масъуд омада, дар ин маврид эътироз намуд. Ӯ

гуфт: «Чаро касеро, ки Расули Худо (с) лаънат карда, лаънат накунам, дар ҳоле ки он дар китоби Худо аст».
Умми Яъқуб гуфт: «Ман дар китоби Худо инро ҷустуҷӯ кардам, вале чизе наёфтам».
Ибни Масъуд гуфт: «Агар хуб мехондӣ китоби Худоро пайдо мекардӣ, Аллоҳ таъоло мефармояд: «**Ва мо отокуму-р-расулу фахузуҳу ва мо наҳокум ъанҳу фантаҳу».** Ҳар он чи паёмбар (с) барои шумо бидиҳад, онро бигиред ва он чи шуморо аз он наҳӣ кунад, аз он бозистед ва даргузаред.
Он зан гуфт: «Ман мисли ин чизро дар ҳамсари худат мебинам». Ибни Масъуд дарро боз кард ва гуфт: «Бирав назар кун, ки дар ҳамсари ман ҳаст ё не?»
Вақте он зан ба назди ҳамсари ибни Масъуд рафта дид ва хостаашро пайдо накард, гуфт: «Чизе надидам». Яъне ҳамсари ибни Масъуд сӯзанзанӣ ва абрӯчинӣ намекард. Ибни Масъуд гуфт: «Агар ҳамсари ман он гунае ки ту мегӯӣ мебуд, бо ӯ зиндагӣ намекардам, балки аз ӯ ҷудо мешудам.
Аз ин ҳадиси муборак чанд фоидаеро аз худ кардан мумкин аст, аз ҷумла:

1. – Сӯзан задан ҳаром аст ва сӯзанзану касе, ки талаб мекунад, ки ӯро сӯзан зананд бар лаънати расули Худо гирифтор мешаванд.
2. Абрӯ чидан ҳаром аст ва касе, ки абрӯчинӣ мекунад ва касе ки талаби чиндани абрӯвонашро мекунад бар лаънати расули Худо гирифтор мешавад.
3. Кушод кардани байни дандонҳо ҳаром аст ва касе ин корро анҷом медиҳад, бар лаънати расули Худо гирифтор мешавад.
4. Касе, ки ин корҳоро анҷом медиҳад, ӯ халқи Худоро тағйир додаст ва бар лаънати расули Худо гирифтор мешавад.
5. Итоати саҳобагон расули Худоро, чигунае ки ибни Масъуд, ин ҳадисро аз расули Худо шунид аҳли хонаводаашро аз ин амалҳо манъ намуд.
6. Ҳар як мусулмон мувофиқи ончи ки расули Худо фармудааст, бояд амал кунад, зеро чигунае ки дар боло

гузашт Худованд мефармояд: «Ҳар он чи паёмбар (с) барои шумо бидиҳад, онро бигиред ва он чи шуморо аз он наҳӣ кунад, аз он бозистед ва даргузаред».

Имом Нававӣ дар китоби «Риёзусолиҳин» «Боғи накӯкорон» як бобро бо номи ин амалҳо номгузорӣ карда, ҳадисҳои дар ин мавзӯъ воридшударо зикр кардааст. Ӯ мегӯяд:

## БОБИ 296. Таҳрими пайванди мӯй ва холкӯбӣ ва кушод кардани миёни дандонаҳо.

Худованд мефармояд: **Мушрикон намепарастанд ба ҷуз Худо, магар бутонеро, ки ба номи духтарон мусаммо кардаанд ва намепарастанд, магар шайтони дуррафта аз ҳадро. Худованд ӯро лаънат кард ва шайтон гуфт: бигирам аз бандагон саҳме, ки дар илми азалӣ муайян шуда ва албатта гумроҳ кунам эшонро ва дар орзуи ботилашон афганам ва ҳароина бифармоям барои эшон, то бишгофанд гӯши чорпоёнро ва амрашон кунам, то тағйир диҳанд офариниши Худоро.***(Нисо: 117-119)*

1642 - Аз Асмоа (р) ривоят аст, ки зане аз паёмбар (с) савол намуда гуфт: Ё Расулуллоҳ! Духтарам ба маразі сурхча гирифтор шудааст ва мӯйҳояш рехта, ки акнун ӯро ба шавҳар додам. Оё мӯяшро пайванд занам? Фармуд:Худованд пайвандакунанда ва пайвандкардашударо лаънат кардааст.

1643 - Аз Ҳумайд ибни Абдурраҳмон ривоят аст, ки вай аз Муъовия (р) дар соле, ки ҳаҷ намуд, болои минбари Набавӣ шунид, дар ҳоле ки ӯ дастаи мӯеро, ки ба дасти нигаҳбоне буд, гирифта ва гуфт: Эй мардуми Мадина, уламои шумо куҷоянд?

Аз паёмбар (с) шунидаам, ки аз мисли ин кор (*пайванди мӯй*) манъ намуда ва мефармуд: ҳамоно бани Исроил ҳалок шуд, замоне, ки занонашон ин корро карданд. 506

1644 - Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) зани пайвандкунандаи мӯй ва занеро, ки мӯяш пайванд шавад ва

зани сӯзанзананда (*холкӯбикунанда*) ва зани сӯзанзадашударо лаънат намуд.
1645 - Аз Ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки гуфт: Худо лаънат кунад, занони сӯзанзанандаро ва занонеро, ки мехоҳанд сӯзан зада шаванд ва занонеро, ки аз дигаре мехоҳанд абрӯяшонро ислоҳ кунад ва заноне, ки миёни дандонҳояшонро кушод намуда хилқати Худоро тағйир медиҳанд. Зане дар ин маврид эътироз намуд. Ӯ гуфт: чаро касеро ки Расули Худо (с) лаънат карда, лаънат накунам, дар ҳоле ки он дар китоби Худо аст.
Аллоҳ таъоло мефармояд: **Ва мо отокуму-р-расулу фахузуҳу ва мо наҳокум анҳу фантаҳу.** Ҳар он чи паёмбар (с) барои шумо бидиҳад, онро бигиред ва он чӣ шуморо аз он наҳй кунад, аз он бозистед ва даргузаред.
**Инчунин олимони ислом бинобар ин ҳадисҳои гузашта бар ҳаром будани ин амалҳо фатво додаанд.**
Ибни Усайминро аз ҳукми чиндани абрӯвон пурсиданд ва хусусан дар ҳоле, ки абрӯвон ғафс ва зиёд бошанд ва шавҳарро аз он хуш наояд, оё ба тартиб даровардани абрӯвон барои зебогӣ ба хотири шавҳар ҷоиз аст?
Ӯ чунин ҷавоб гуфтааст: «Чиндани абрӯвони зан ҷоиз нест ва ин он амале аст, ки расули Худо кунандаашро лаънат гуфтааст».
Пас чиндани абрӯвон ва касе, ки худаш абрӯвонашро мечинад, амали ҳаромро ба ҷой овардааст ва бар лаънати расули Худо гирифтор шудааст.
Худованд чигунае ки инсонро халқ кардааст, беҳикмат нест, баъзеҳоро зебо халқ кардааст ва баъзеҳоро дигархел ва амри ин корҳо ба дасти Худованд аст, чигунае ки хоҳад мекунад ва инсон бояд сабр кунад ва он чизе, ки Худованд ҳаром гардонидааст барои хоҳишоти нафсонияш анҷом надиҳад.
Ва фикри ман ин аст, ки ӯ аз абрӯвонаш кам ё кӯтоҳ накунад ва начинад, магар ин ки агар мӯйҳое берун аз абрӯвон бошад, мисли холи мӯйдор, ҷоиз аст, ки онро барчинад.

Инчунин бардоштани абрӯвони аслӣ ва гузоштани абрӯвони сунъӣ ҳаром аст, зеро ин ҳам барои саломатии инсон зарар дорад ва ҳам тағйир дар халқи Худованд аст.
Инчунин ибни Боз пурсида шуд, ки ҳукми кӯтоҳ кардани мӯйҳои зиёдатӣ аз абрӯвон чист?
Гуфт: Кӯтоҳ кардан ва гирифтани мӯйи абрӯвон ҷоиз нест ва дар ҳадисе, ки аз расули Худо ривоят шудааст, ки гуфт: «Худованд абрӯчин ва касе ки талаби чиндани абрӯвонашро мекунад, лаънат кардааст».
Пас чиндани абрӯвон ҳаром аст, вале агар дар рӯйи зан мӯй бошад, мисли риш ё мӯйлаб, ё дар дасту пояш мӯй бошад ҷоиз аст, ки онҳоро тоза кунад бо чиндан ё кӯтоҳ кардан ё тарошидан.
Инҷо суоле ба вуҷуд меояд, ки дар ҳадис чиндани абрӯвон омадааст, агар касе тарошад ё бо қайчӣ кӯтоҳ кунад, ин ҳукмаш чӣ мешавад?
Абрӯ чиндан бо ҳар номе, ки номида шавад, ҳукмаш ҳаром будан аст, яъне хоҳ бо қайчӣ кӯтоҳ кунад ё тарошад ё чинад, дар ҳама ҳолатҳо ҳаром аст, зеро тағйир дар халқи Худо дар ҳамаи ин вуҷуд дорад.
Шояд касе гӯяд, ки ин барои занҳо ҳаром аст, барои мардҳо чӣ, оё агар мард ин амалҳоро анҷом диҳад, барои ӯ ҳалол аст?
Ин амалҳо аз ҷумлаи гуноҳони кабира ҳисоб мешавад, агарчанде инҷо номи зан бурда шудааст, вале агар мардон ҳам ин амалҳоро анҷом диҳанд, зери ин лаънат дохил мешавад. Пас инсон хуб аст, ки аз ин амалҳо дур бошад хоҳ зан бошад хоҳ мард.

## Абрӯ чиндан ва зарарҳои ҷисмонии он

Аз нигоҳи тиб ҳам абрӯ чиндан барои инсон зарар дорад, зеро ба сабаби ин атрофи чашм варам карда, сурхӣ дар он ба вуҷуд меояд, ки табибон ҳам ин огоҳиро додаанд.
Пас ҳаром гардонидани ин амал аз ҷониби ислом бе ҳикмат набудааст, зеро бар ҷисми инсон ҳам ин зарар дорад.

Вале аз ҳама муҳим барои мусулмонон ин аст, ки модоме ки Расули Худо амр намудааст, пас бояд иҷро кунад ва дар ин ҳолат ӯ мувофиқи гуфтаи Худованд амал кардааст.
Ин ҷумлаҳои мухтасаре буданд, ки хулосаи ҳукми ислом ва фатвоҳои олимонро дар ин мавзӯъ зикр кардам.
Аз Худованд талаб дорам, ки ҳамаро ба роҳи рост ва амали нек ҳидоят фармояд ва аз амалҳои баду ношоям нигаҳ дорад.